**Тақризи**

**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи “Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Таърихи башар шоҳиди он аст, ки халқҳои тоҷику англис аз қадиммулаём соҳиби фарҳанг ва тамаддуни асили ғанию воло буда, бо эҷоди осори мондагори хеш дар тамоми қишрҳои ҷомеа, аз ҷумла адабиёт саҳми бориз дорад.

Калимаву истилоҳоти кулолгарӣ ба яке аз қабатҳои муҳимми лексикаи илмии забонҳои тоҷикиву англисӣ мансуб буда, заминаи бойи таърихиро соҳиб аст. Аз ин рӯ, дар раванди рушди ҷомеа таркиби луғавии забон ба вожаву истилоҳоти бегона бархурд, ки ба фаъолияти рӯзмарраи башарият алоқаманд буда, ташаккулу таҳаввули он маҳз аз зеҳну тафаккури инсон вобастагӣ дошт. Пешаи кулолгарӣ бо маводи гилу сафол ва хок алоқаи зич дорад, зеро муҳимтарин ашё барои эҷоди ҳунари кулолгарӣ маҳз аз қишри замин гирифта мешавад.

Истилоҳот ва истилоҳотсозӣ ба монанди шохаҳои дигари илми забоншиносӣ таърихи тӯлониро соҳиб буда, ҳамқадами даврахои аввали пайдоиши забон аст. Дар забоншиносии тоҷик омӯзиш, баррасӣ ва таҳлили муқоисавии истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ дар заминаи ду забони гуногунсохтору гуногуннизом ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст, бинобар ин, баррасӣ ва таҳлили лингвистии истилоҳоти соҳаи мазкур саривақтӣ ва мубрам буда, аҳамияти хоси илмиро дорост.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, диссертант таҳлили истилоҳоти соҳаи кулолгариро аз ҷиҳати хусусияти луғавию грамматикӣ зери таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Истилоҳоти кулолгарӣ бо бисёр соҳаҳои истеҳсолот алоқаи ногусастанӣ дошта, муррифгари ҳар қавму миллат ва таамули шахс маҳсуб меёбад. Вожаву истилоҳоти ин қабати луғавӣ дар низоми забон бо номи истилоҳоти кулолгарӣ маъруф буда дар осори муаррихону мардумшиносон ҳувайдо мегардад.

Бояд таъкид намуд, ки кулолгарӣ яке аз қадимтарин ҳунарҳои мардумӣ маҳсуб ёфта, дар дарку фаҳмиши ин гурӯҳи луғот то имрӯз мутахассисони ин соҳа ба мушкилоти зиёд дучор омада истодаанд, зеро истилоҳоти соҳаи мазкур мавриди омӯзишу таҳқиқи илмии амиқу густурда қарор нагирифтааст. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми омӯзиш, таҳқиқ ва муқоисаи ин намуди истилоҳот дар он зоҳир мегардад, ки то имрӯз мутахассисони соҳаи кулолгарӣ аз гунаҳои русии он истифода намуда, пайваста ниёз ба шарҳу тавзеҳи он ба забони модарӣ доштанд, ки сабаби асосии он дар замони

шӯравӣ зери таъсири забони русӣ қарор доштани забони тоҷикӣ ва ворид гардидани калимаҳои зиёде ба таркиби луғавии ин забон, ҳамчунин дур мондани истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ аз назари забоншиносон буд.

Дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки ин ё он бахши истилоҳот дар забоншиносӣ падидаи нав набуда, аввалин пажуҳишоте, ки ба таҳлилу баррасии луғоту истилоҳоти тоҷикӣ бахшида шудааст, ба солҳои 50-60-уми садаи XX рост меояд. Ин таҳқиқот низ, ба номи забоншиносони тоҷик М. Рустамов ва Н. Шарофов марбут аст, зеро маҳз истилоҳоти грамматикии тоҷикӣ ва вожаҳои касбию байналмилалӣ аз тарафи эшон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта буд.

Илова бар ин, аз ҷониби як зумра забоншиносону донишмандони тоҷик, аз ҷумла А. Турсунов, Ш. Рустамов, М. Шукуров, Р. Ғаффоров, Д. Саймиддинов, М. Қосимова, Д. Хоҷаев ва дигарон роҷеъ ба бандубасти истилоҳот, тафовути истилоҳ аз вожаи умумиистеъмол, вижагиҳои корбурди истилоҳ, мавқеи истилоҳ дар таркиби луғавии забон ва монанди инҳо мақолоту асарҳои ҷудогона таълиф гардиданд.

Таҳлилу баррасии ташаккул, такомул ва вижагиҳои забонии истилоҳоти соҳаҳои гуногуни тоҷикӣ бар мабнои ин оё он асари илмиву ҷуғрофӣ аз тарафи забоншиносони тоҷик М. Султон, С. Назарзода, Т. Шокиров, П. Нуров, Ш. Ҳайитова, А. Шафоатов, Қ. Тураҳасанов ва дигарон мавриди таҳқиқи илмӣ қарор мегирад.

Мақсади таҳқиқот. Ҳадафи асосии диссертатсия омӯзиш, таҳқиқ, муқоиса ва муайян намудани хусусиятҳои луғавӣ, маъноӣ ва грамматикии истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба шумор меравад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои амалӣ сохтани ҳадафи таҳқиқ, зимни омӯзишу таҳлили истилоҳоти кулолгарӣ вазифаҳои зерин гузошта шуданд:

- таҳлилу баррасии мафҳуми истилоҳ дар забоншиносӣ;
- мушаххас намудани сарчашмаҳои ташаккул ва такомули истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои муқоисашаванда;
- таҳлили решашиносии истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- муайян намудани умумият, шабоҳат ва тафовути луғавию маъноии истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикию англисӣ;
- таҳлилу баррасии хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои муқоисашаванда;
- муайян намудани роҳҳои иқтибосшавии истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ ба таркиби луғавии забонҳои тоҷикиву англисӣ;
- муайян намудани нақши усулҳои маъмули истилоҳсозӣ дар ташаккули истилоҳоти кулолгарӣ.

Объекти таҳқиқотро истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикию ташкил медиҳад.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот, пеш аз ҳама, ҷусутҷӯ ва таҳлили умумият ва тафовути луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба шумор меравад.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти мазкур дар заминаи таълифоти илмию назариявии пажӯҳишгарони ватаниву хориҷӣ аз ҷумла А. А. Реформатский, А. В. Суперанская, Д. С. Лотте, Г. Смит, Э.Сепир, М. Н. Қосимова, Д. Саймиддинов, С. Сулаймонов, С. Назарзода, М. Султон, Ҳ. Саидов, С. Ҷаматов, П. Г. Нуров, Ш. Ҳайитова, Ш. Каримов ва дигарон ташкил ёфтааст.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Бахри ҳалли мақсаду вазифаҳои гузошташуда, муаллиф дар таҳқиқот аз усулҳои тасвирӣ, типологӣ-муқоисавӣ, таҳлили ҷузъҳо ва таҳлили луғавию маъноӣ ва сохториву решашиносӣ истифода намудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар забоншиносии муқоисавӣ истилоҳоти кулолгарӣ бори нахуст аз лиҳози муқоисаву муқобала ба муомилоти илмӣ кашида шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот. Аҳаммияти илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки маводи он ва пажуҳишҳои муаллиф дар асоси вожаномаву фарҳангҳо ва асарҳои ҷуғрофиву таърихӣ таҳия ва дастабандӣ гардида, дастовардҳои илмии он барои ба низоми муайян даровардани истилоҳоти соҳаи кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ ва ҳамчунин ҳангоми гузаронидани курсҳои назариявӣ аз фанҳои муқаддимаи забоншиносӣ, луғатшиносӣ, забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикиву англисӣ ва назарияи грамматика мусоидат менамояд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар бунёди таркиби луғавии истилоҳоти соҳаи кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ, гурӯҳҳои луғавиву маъноӣ, воҳидҳои луғавии соҳавӣ, муайянсозии онҳо аз лиҳози пайдоиш ва истилоҳшавӣ сурат гирифтааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми диссертант, пеш аз ҳама, дар омӯзишу таҳлили адабиёти назариявӣ, шарҳи мафҳумҳои меҳварии истилоҳоти кулолгарӣ, таҳлили решашиносии бархе аз истилоҳоти меҳварии кулолгарӣ, таҳқиқихусусиятҳои луғавию маъноии истилоҳоти зикргардида, муайян намудани сермаъношавӣ, муродифшавӣ ва ҳамгуншавии истилоҳоти мавриди таҳқиқ, ҳамчунин таҳлили сохтории истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси усулҳои асосии истилоҳсозӣ зоҳир мегардад.

Диссертатсия аз мундариҷа, феҳристи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 196 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия оид ба аҳамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявии таҳқиқот, асосҳои методология ва методҳои таҳқиқот,

усулҳои таҳқиқот, моҳияти илмӣ-назариявии таҳқиқот, моҳияти амалии таҳқиқот ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарди мавзуъ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби якуми** диссертатсия, ки «Масъалаҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ном дорад, ба андешаи муҳаққиқ ин қисмати рисоларо тавзеҳи назарии истилоҳот дар забоншиносии муосир, мафҳумҳои мевҳарии истилоҳоти кулогарӣ дар сарчашмаҳои илмиву таърихӣ, сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таҳлили решашиносии бархе аз истилоҳоти меҳаврии соҳаи кулолӣ дар забонҳои муқоисашаванда, таснифоти мавзуии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ташкил дода, онҳо мавриди таҳқиқу таҳлил ва муқоиса қарор мегиранд.

Боби дуюми диссертатсия «Вижагиҳои луғавӣ-маъноии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» номгузорӣ шудааст.

Дар боби мазкур луғату истилоҳоти кулолӣ аз рӯи хусусияти семантикӣ таҳлил гардида, дар он дар баробари полисемия маънои маҷозӣ низ инкишоф ёфтааст, ки ҷузъи муҳими таркибии фонди луғавию фразеологии забони тоҷикӣ мебошанд. Ҳамин тавр, диссертант дар зер аз муродифшавиву ҳамгуншавӣ ва сермаъношавии истилоҳоти кулолгарӣ ёдовар шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки «Таҳлили сохтории истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ном дорад, ки дар он диссертант таҳлилу баррасии ҳар як истилоҳро аз лиҳози сохту таркиб баррасӣ намуда, ба ҳар як ҷузъи истилоҳ таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст. Истилоҳ низ амсоли калимаву вожа аз нигоҳи сохтор ба содаву сохта ва мураккабу таркибӣ ҷудо мешванд. Илова бар ин, истилоҳро метавон ба якҷузъаву дурҷузъа ва ё бисёрҷузъа дастабандӣ намуд.

Кори диссертатсионии Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар асоси меъёр (стандарт)-ҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзи овардани иқтибос, таҳияи бобу фасл ва зерфаслҳо, хулосаву рӯйхати адабиёти истифодашуда мутобиқи талаботи меъёрҳои муосири таълифи корҳои илмию таҳқиқотӣ сурат гирифтааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда диссертатсия ва фишурдаи он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи рисола хеле муфиданд, аз ҷумла:

1. Дар баъзе саҳифаҳои рисола ғалатҳои техникӣ, услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд (17, 21, 40, 41, 47 ва ғ).
2. Дар рисола баъзе воҳидҳои луғавӣ муодили тоҷикии худро надоранд, яъне дар шакли транслитератсия омадаанд, хуб мешуд агар муодили онҳо бо забони тоҷикӣ дарҷ гарданд (48, 50, 54, 55 ...).
3. Дар раванди баррасии мавзуъ агар муҳаққиқ андешаи худро равшантар иброз менамуд, хеле хуб мешуд.

4. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия иқтибосоти кам оварда шудааст, аз ин рӯ, андешаронии муаллиф роҷеъ ба баъзе масъалаҳо норавшан мондааст (саҳ. 24, 25, 78, 79 ва ғ.).

Дар маҷмуъ, норасоиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашударо халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо ислоҳпазиранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Фишурдаи диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), осори илмиву мақолаҳои дар ин замина нашркардаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 –юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқлович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – забоншиносӣ (6D021302 – забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқарриз, номзади илми филология,
дотсент, декани факултети забони
англисии Донишгоҳи Байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода — Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 16/7
Тел: 232-50-00, 232-50-03
Моб: (+992) 98 752 41 41
E-mail: zubaidullo@gmail.com

Имзои декани факултети забони
англисӣ, З. М. Мусоямовро тасдиқ менамоям,
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Юсупова Б. Г.

**13.05.2023**